**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ). – Душанбе, 2024. - 179 с.**

## Муҳиммияти омӯзиши мавзуъ

Дар таърихнигории ватанӣ омӯзиши таърихи сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX, ки ба пош хӯрдани Иттиҳоди шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ оварда расонд, мавқеи хосро ишғол менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз дарёфти истиқлол сиёсати мустақилонаи дохиливу хориҷиро ба роҳ монда, тавассути барномаҳои стратегии таҳиягардида рушду нумуъ кард, ки омӯзиши он аз назари муҳаққиқон дар канор намондааст. Аз тарафи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ масъалаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифт ва дар ин самт таълифоти зиёде пайдо гардид. Албатта зиёд гардидани таълифот аз таваҷҷуҳ гардидани муҳаққиқону коршиносон ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон мебошад. Мубрамияти масъалаи мазкур дар он ифода меёбад, ки аз нуқтаи назари таърихнигорӣ дар масоили зикршуда таҳқиқоти маҷмӯӣ ба анҷом расонида нашудааст. Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Асомиддини Абдулмумин, кӯшиши аввалин дар ин самт ба ҳисоб рафта, мубрам ва саривақтӣ буда, пажуҳиш дар заминаи омӯзиши асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, таҳлилу баррасии осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшида шудаанд, ба анҷом расонида шудааст.

Дар мубрамияти мавзуи мазкур аз суханронии Президенти мамлакат ҳангоми вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар дар санаи 18 марти соли

2020 ёдовар мегардем, ки қайд карданд, ки то кунун ба воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX баҳои сазовор дода нашудааст ва муҳаққиқону коршиносонро мебояд, ки сабабҳои воқеии ҷанги шаҳрвандиро таҳқиқ ва муайян намоянд. Воқеан, нисбат ба сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон андешаҳои гуногун мавҷуданд ва айни замон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дорад.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи нодиртарини замони Истиқлол буда, таҳкимбахши орзуву ормон, рушди давлат ва наҷоти миллат маҳсуб меёбад, ки пажуҳишгарони ватаниву хориҷӣ ба таҷрибаи таърихии он аз нуқтаи назари илмӣ баҳои воқеӣ додаанд. Маҳз самараи Ваҳдати миллӣ ва тарғибҳои пайвастаи заминагузори ғояҳои ваҳдатгиройӣ буд, ки Тоҷикистон дар муддати кутоҳи таърихӣ аз рӯи қайди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “то фаро расидани давраи бӯҳронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба марҳалаи рушди устувори иқтисодӣ ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид”.

Дар иртибот ба ин, муаллиф дар заминаи таҳлили ақидаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва таҷрибаи таърихии сулҳи тоҷиконро дар таърихнигории ватанӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқи воқеоти сиёсӣ, бахусус ҷанги шаҳрвандӣ ва музокироти .сулҳи тоҷикон, ки ба бозгашти давлати тоҷикон ба низоми муносибатҳои байналхалқӣ бо дарназардошти воқеиятҳои навини давлатдорӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ хеле муҳим буда, инъикоси воқеии саҳифаҳои таърих барои наслҳои оянда ибратомӯз ва баҳри ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии онҳо хеле аҳамиятнок аст. Таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мазкур, ки аз тарафи диссертант ба анҷом расонида шудааст, имкон медиҳад, ки сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва сабақҳои таърихии сулҳи тоҷикон муайян гардад.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва фехристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Боби аввали диссертатсия таҳти унвони **“Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** роҷеъ ба масоили сиёсати «бозсозӣ» ошкорбаёнӣ ва гуногунандешӣ, қабули қонун «Дар бораи забон», таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, воқеаҳои феврали соли 1990, ба даст омадани Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997 с.), сабабҳо, рафт ва оқибатҳои он, тавассути таҳлили осори муҳаққиқон инъикос ёфтааст.

Дар зербоби аввали боби мазкур **“Раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон, заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигорӣ”** муаллиф дар заминаи таҳқиқу таҳлили адабиёти мавҷуда аз нигоҳи нав масоили раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав, марҳалаҳои асосии ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ва дараҷаи инъикоси он аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро ба таври возеҳ инъикос намудааст. Муаллиф аз таҳлили адабиёт ба хулосае омадааст, ки муҳаққиқон аз нуқтаи назари худашон раванди муташанниҷ гардидани авзои сиёсии ҷумҳуриро баррасӣ намудаанд. Муаллиф инъикоси раванди гуфтушуниди ҷонибҳои бо ҳам муқобили ҷанги шаҳрвандӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои баимзорасида ва натиҷаҳои онро мавриди баррасӣ қарор дода, дар заминаи таҳлили доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо мушкилиҳои баргузоршавии ин равандро хеле хуб инъикос намудааст.

Дар зербоби дуюм “**Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ**” заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997), давраҳои асосӣ, рафт ва оқибатҳои он дар таърихнигории ватанӣ мавриди тадқиқ ва баррасӣ гирифта шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки роҷеъ ба инъикоси ҷанги шаҳрвандии

солҳои 90-уми асри XX таълифоти зиёде ба табъ расидааст, ки дар онҳо сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, давраҳои асосӣ ва оқибатҳои он тадқиқ гардидаанд. Диссертант дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷуда ба хулоса омадааст, ки ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ амиқ омӯхта нашудааст.

Дар зербоби сеюми боби аввал **“Ҷанги шахрвандии Тоҷикистон (1992 – 1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ”** муаллиф аз нуқтаи назари муҳаққиқони хориҷӣ заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997), давраҳои асосӣ, рафт ва оқибатҳои онро мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки агар дар таълифоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷии нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX минтақаи канорӣ будани Осиёи Марказӣ таъкид шуда бошад, пас аз миёнаҳои солҳои 90-ум сар карда, ба саҳнаи рақобати стратегӣ ва иқтисодии кишварҳои абарқудрат табдил ёфтани минтақаи Осиёи Марказӣ дар адабиёти илмӣ васеъ паҳн мегардад, ки «бозии бузурги ҷадид» ном гирифтааст. Муаллиф роҷеъ ба ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон тамоми сарчашмаҳои хориҷиро ба ду гурӯҳ тақсим кардааст, ки ба гурӯҳи аввал ҳуҷҷатҳои расмӣ ва баромадҳои роҳбарон, дипломатҳо ва арбобони сиёсии давлатҳои ШМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин ва дигар давлатҳо, ҳуҷҷатҳои расмии ВКХ, сафоратхонаҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои созмонҳои байналхалқӣ (СММ, ИДМ, СААД, СҲШ, ИА ва ғ.) ва гуруҳи дуюм таҳқиқоте, ки аз ҷониби сиёсатмадорон, дипломатҳо ва таҳлилгарони ҳарбӣ перомуни масоили сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таълиф гардидаанд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки муҳаққиқони хориҷӣ дар таълифоташон воқеаҳоро аз нигоҳи худ арзёбӣ намуда, бо сабаби огаҳӣ надоштан аз манбаъҳои дохилӣ имкон надоштанд, ки тамоми паҳлӯҳои ин ҳаводиси сиёсиро воқеъбинона инъикос намоянд.

Боби дуюми диссертатсия - **“Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти**

**муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ”** аз се зербоб иборат буда, адабиёти дар ин самт таълифгардида роҷеъ ба марҳилаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон ва имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон”, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва рушди минбаъдаи сиёсии кишвар бахшида шудаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби аввали боби мазкур – **“Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** муаллиф осори муҳаққиқонеро, ки ба омӯзиши мавзӯи гуфтушуниди байни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ даст зада, теъдоди зиёди манбаъҳои расмиву ғайрирасмиро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки онҳоро чунин тасниф кардааст: а) Асарҳо, баромадҳо, суханрониҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон; б) ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ - меъёрии давлатӣ ва байналхалқӣ; в) санадҳои мутааллиқи сохторҳову муассисаҳои гуногуни идораҳои давлатӣ ва созмонҳои минтақавиву байналхалқӣ; г) адабиёти ёддоштӣ; д) матбуоти даврагӣ, захираи шабакаҳои иттилоотии интернетӣ. Дар маҷмӯъ муаллиф тибқи таснифот то андозае сарчашмаҳоро мавриди тадқиқ қарор дода, ба хулосае омадааст, ки раванди сулҳи тоҷикон ва таҷрибаи таърихии он ба объекти таҳқиқоти муаррихон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ табдил ёфтааст.

Дар зербоби дуюм **“Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва тадқиқи он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, аъзоён ва зеркомиссияҳои он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ба тадқиқ ва таҳлили инъикоси масоили таҳавулоти сиёсии давраи рушд кашида шудааст, ки ба марҳилаи нав дар давлатдории Тоҷикистон ибтидо гузоштанд. Ин марҳила дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо махсусиятҳо ва фаровонии ҳаводисе, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат ба вуқуъ пайваст, аз бисёр ҷиҳат аз давраҳои қаблии таърихи Тоҷикистон

фарқ мекунад. Аз назари муаллиф ба имзо расидани созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, татбиқи амалии шартномаҳои ба имзо расида тавассути Комиссияи оштии миллӣ, бахусус ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоботи алтернативии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷумҳурӣ таъсис додани парламенти дупалатагӣ аз ҷумлаи ҳаводиси таърихие маҳсуб меёбанд, ки ба ин давра марбутанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **"Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат"** муаллиф лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсози тоҷиконро тибқи омӯзиши асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷассум намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки арзиши таърихии асарҳои Пешвои миллат, барои он муҳим аст, ки он паҳлуҳои мухталифи худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳёи хотираи таърихии тоҷиконро дар оинаи таърих инъикос намудааст. Муаллиф воқеан барҳақ иброз доштааст, ки асарҳои Пешвои миллат танҳо ба хотири донистани гузашта набуда, балки дурнамоест, ки роҳи ояндаи давлат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, ҷиҳати таҳкиму тақвияти ватанпарастиву кишвардорӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ, худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда мусоидат менамояд. Арзиши илмии асарҳоро баррасии сабақҳои таърихии тоҷикон ташкил медиҳад, ки он барои ташаккули ҳуввияти миллии тоҷикон ва эҳёи суннатҳои давлатдории миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Диссертант оид ба мавзӯъ 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои тақризшаванда, 4 мақола дар дигар маҷмауҳо, маҷаллаҳо ва конференсияҳо ба чоп расонидааст. Мазмуни автореферат ба диссертатсия мувофиқат мекунад.

**Нововарии илмии таҳқиқот**

**ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти маҷмӯӣ махсуб меёбад. Илова бар ин, бори нахуст манбаъҳои сершумор, теъдоди зиёди асарҳои нашргардида оид ба масоили гуногуни таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба доираи таҳлили таърихнигорӣ фаро гирифта шуда, адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, воқеаҳои феврали соли 1990, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, аҳаммияти таърихии Иҷлосия 16 – уми Шурои Олӣ, давраҳои асосии музокироти сулҳи тоҷикон, ба имзо расидани Созишномаи умумӣ дар бораи ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷикон, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ба таври гуногун инъикос намудаанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Инчунин заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, аҳаммияти таърихии Иҷлосия 16 – уми Шурои Олӣ, давраҳои асосии музокироти сулҳи тоҷикон, ба имзо расидани Созишномаи умумӣ дар бораи ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷикон, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ аз нигоҳи нав ба тадқиқ кашида шудааст.

Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба воситаи методҳои илмии истифодашуда ва адабиёти илмии омӯхташуда асоснок карда мешавад. Илова бар ин, муаллиф дар тадқиқоти диссертатсионӣ маълумоти бойгониҳои ҷорӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсии Созмони Милали Муттаҳид, ки ба вазъияти сиёсии Тоҷикистон бахшида шудаанд, ҳуҷҷатҳои дар раванди гуфутушунидҳо баимзорасида, инчунин ҳуҷҷатҳои расмии Вазорати корҳои хориҷиро мавриди истифода қарор додааст. Гузашта аз ин, таҳқиқоти мазкур дар

натиҷаи истифодаи усулҳои муайяни илмӣ амалӣ гардидааст. Чунончӣ, истифодаи меъёрҳои илмии объективӣ ва таърихнигорӣ, инчунин таҳлили маҷмӯӣ, системавӣ ва муқоисавӣ барои муайян намудани воқеияти ҷанги шаҳрвандӣ, барои нишон додани зуҳуроти манфӣ, мушкилот ва дурнамои рушди давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон, ҳамчунин хусусиятҳои муҳимми раванди ба даст омадани оштии миллии тоҷикон шароити методологӣ ва маърифатӣ фароҳам овардаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1992- 2000), инчунин хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи муосири Тоҷикистон”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Таърихнигории таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол” васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзуи **«Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)»** ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат менамояд.

**Эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот**

Дар иртибот ба эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот, ба андешаи мо ба назар гирифтани чанд масъала мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии онро боз ҳам афзун мекунанд:

1.Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии адабиёти илмӣ дар зербоби дуюму сеюми боби аввал оид ба даврабандии ҷанги шаҳрвандӣ осори зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифта шудааст, аммо даврабандии муайяне аз ҷониби диссертант пешниҳод нагардидааст.

2.Дар раванди таҳқиқот маводи матбуоти даврии дар кишварҳои хориҷӣ ба табърасида камтар истифода гардидааст. Истифодаи чунин мавод имкон медод, ки андешаҳои баъзе таҳлигарони хориҷӣ дар иртибот ба ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.

3. Хулосабандии муфассал дар боби дуюми диссертатсия ба назар намерасад.

4. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд.

Аммо дар маҷмӯъ қайд намудан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшударо таҳия намудааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргардида**

Диссертатсияи унвонҷӯ Асомиддини Абдулмумин дар мавзӯи **«Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-**

**2000)»** кори таҳқиқотии мукаммалест, ки дар чаҳорчӯби он масъалаҳои мухталифи марбут ба мавзӯъ таҳлилу баррасӣ шуда, хулосаҳои илмии асоснок баровarda шудаанд.

Ҳамин тариқ, бо боварӣ метавон иброз дошт, ки хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда дар сатҳи баланди назариявӣ баён гардида, аҳамияти назарраси илмӣ доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро комилан инъикос мекунанд. Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати он комилан ба талаботи муқаррарнамудаи **бандҳои 31, 33, 34, 35 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 №267** тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Асомиддини Абдулмумин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз **аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)** арзанда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, и.в.дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Суроға:**734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121, E-mail: **matlubaganjakova@mail.ru**.тел. (+992) 934 51 55 60

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода Абдулкарим**

07.06.24.